**Пасандозҳои мизоҷони бонкҳои исломӣ мутобиқи созишномаи «Музораба»**

«Музораба» (дар забони муосири арабӣ - ҳаннотӣ) – созишнома, ки мутобиқи он дорандаи маблағҳои зиёдатӣ (раббу-л-мол) онҳоро ба шахсе боварӣ менамояд, ки ӯ дорои имкониятҳо ва таҷрибаи муайяни соҳибкорӣ барои истифодаи самаранокӣ ин маблағҳо мебошад (музориб). Фоида аз ин маблағҳо, ки ба муомилот ворид карда шудааст, байни «раббу-л-мол» ва «музориб» мутобиқи созишномаи дар бораи ҳиссаҳо пешакӣ ба имзорасида тақсим карда мешавад. Зарарро худи соҳиби сармоя мебинад, «музориб» бошад дар ин ҳолат барои кӯшишҳои худ подош намегирад.

Хусусиятҳои пасандозҳои сармояшавандаи «музораба»-ро чунин шарҳ медиҳем:

- бақайдгирии мӯҳлатҳои сармоягузории маблағҳои пулии мизоҷ дар бонк;
- мавҷуд набудани кафолатҳо оиди бозгардондани воситаҳои пулӣ, ки ба ҳаҷми сармоягузориҳои мизоҷ дар бонк баробар аст.
- тақсимоти натиҷаҳои фаъолияти бонк дар мувофиқа бо шароитҳои созишнома байни бонк ва мизоҷ.

Қайд кардан зарур аст, ки пасандозҳои умумии сармояшаванда дар байни бонкҳои исломӣ аз ҳама маъруф мебошанд. Пасандозҳои мазкур ба мӯҳлатҳои гуногун ташаккул меёбанд ва барои маблағгузории амалиётҳои ҷории фаъоли бонк пешбинӣ гардидаанд.

Мизоҷ ва бонк дар бораи шартҳои пасандоз созишномаи «музораба» мебанданд. Созишномаи «музораба» аз ҷониби бонк барои ҷалби воситаҳои пулии мизоҷон бо мақсади чобоҷогузории минбаъдаи онҳо ба тиҷорате, ки шариат иҷозат додааст, истифода бурда мешавад. Аз рӯи созишномаи «музораба» мизоҷон маблағҳои пулиро ба бонк бо шартҳои иштироки ҳиссагӣ дар фоида ва зарар, ки бонк аз истифодаи ин

маблағҳо дар амалиётҳои маблағгузорӣ аз рӯи принсипҳои шариат ба даст меорад, пешниҳод менамояд. Андозаи иштироки ҳиссагӣ пешакӣ муайян карда мешавад.

Бонк натиҷаҳои маблағгузориро ҷамъбаст менамояд. Фоида аз маблағгузориҳо дар мувофиқа бо шартҳои созишнома байни бонк ва мизоҷ тақсим карда мешавад. Зарар ба мизоҷ нисбат дода мешавад ва андозаи пасандозро кам менамояд ва то ба охирраси мӯҳлати пасандоз бонк бақияи пасандозро бармегардонад.

Бонк ҳар моҳа қисмати фоидаро, ки аз рӯи ҷамъбасти моҳона аз ҳисоби ҷобаҷогузории маблағҳои мизоҷ ба даст меояд, ҳисоб карда мебарорад. Пардохти як қисми фоида ба мизоҷ вобаста аз шартҳои созишномаи «музораба» ҳармоҳа, ҳар семоҳ ё то охири мӯҳлати созишнома амалӣ карда мешавад.

Бо баҳисобгирии он ки сектори бонкӣ ба лаппишҳои объективии воридоти даромадҳо ва хароҷотҳо оиди таъсиси захираҳо ба талафотҳои эҳтимолӣ ва зарар ҳангоми маблағгузории воситаҳо мубталошаванда аст, бонк захираҳоро барои баробарсозии фоида ташаккул медиҳад.

Захира барои баробарсозии фоида дар асоси даромаднокии миёнаи бозоргонӣ аз рӯи пасандозҳои мӯҳлатнок дар бонкҳои анъанавӣ ҳисоб карда мешавад. Андозаи маблағҳои ҷудошуда аз рӯи созишномаи «музораба» бо даромаднокии пасандозҳои анъанавӣ қиёспазир шуда метавонад.

Принсипи асосӣ аз он иборат аст, ки захираҳои ҷалбгардида (пурра аз рӯи созишномаи «музораба» дар мувофиқа бо шартҳои созишнома, танҳо ҳангоми пешниҳоди хидматгузориҳои маблағгузорӣ (аз ҷумла барои маблағгузорӣ ба қоғазҳои қиматнок ва ҷобаҷогузориҳои бонкӣ), ки ба принсипҳои шариат мувофиқ мебошанд, истифода бурда мешаванд.

Андозаи иштироки ҳиссагии фоидаро, ки дар асоси созишномаи «музораба» ҳисоб карда мешавад, дар мисоли зерин дида мебароем:

**Маълумотҳои зарурӣ барои тақсими фоида миёни мизоҷон ва бонк дар моҳи январи соли 2012**

| Ному насаб | Маблағи пасандоз (сомонӣ) | Мӯҳлати пасандоз (моҳ) | Мӯҳлати оғози амалиёт |
|---|---|---|---|
| Мизоҷи А | 100 000 | 3 | 12.01.2012 |
| Мизоҷи Б | 150 000 | 6 | 02.01.2012 |
| Мизоҷи В | 250 000 | 12 | 18.01.2012 |

Маълумоти иловагӣ (коэффитсенти баркашидани воситаҳои ҷалбшуда (КБВҶ)):

- Мӯҳлати пасандоз то як моҳ – коэффитсенти КБВҶ – 0,15;
- Мӯҳлати пасандоз то се моҳ – коэффитсенти КБВҶ – 0,55;
- Мӯҳлати пасандоз то шаш моҳ – коэффитсенти КБВҶ – 0,8;
- Мӯҳлати пасандоз то нӯҳ моҳ – коэффитсенти КБВҶ – 0,9;
- Мӯҳлати пасандоз то як сол – коэффитсенти КБВҶ – 1,0;

| | Мӯҳлати анҷоми амалиёт | Миқдори рӯзҳои амалиётӣ то охири моҳ | Коэффитсенти баркашидани воситаҳои ҷалбшуда (КБВҶ) | Коэффитсенти иштирок дар тақсими фоида (КИТФ) |
|---|---|---|---|---|
| А | 12.04.2012 | 19 | 0,55 | 80% -мизоҷ; 20% - бонк. |
| Б | 02.07.2012 | 29 | 0,8 | 80% -мизоҷ; 20% - бонк. |
| В | 18.01.2012 | 13 | 1,0 | 80% -мизоҷ; 20% - бонк. |

**Маълумоти иловагӣ:**

| | |
|---|---|
| Сандуқи қарзӣ дар моҳи январ | 10 000 000 сомонӣ |
| Фоида дар моҳи январ | 210 000 сомонӣ |

**Тарзи ҳисоб намудани ҳиссаи маблағҳои ҷалбшуда, ки дар муомилот истифода шудаанд:**

| № | Маблағ (сомонӣ) | Миқдори рӯзҳо дар моҳи январ | Миқдори рӯзҳои амалиётӣ | Ҳиссаи маблағҳои дар амалиёт иштирокдошта |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 100 000 | :31 | x19 | 100 000:31x19 = 61290,3 |
| 2 | 150 000 | :31 | x29 | 150 000:31x29 =140322,6 |
| 3 | 250 000 | :31 | x13 | 250 000:31x13 = 104838,7 |
| Ҷамъ: | 500 000 | | | **Ҷамъ: 306452,0** |

**Тарзи ҳисоб намудани фоида барои мизоҷоне, ки дар моҳи январ маблағҳои худро пасандоз намуданд:**

| | | |
|---|---|---|
| Маблағи фоидаи моҳи январ барои се мизоҷ | 210 000/ 10 000 000 x 306452 = | 6436,0 |
| Фоизи захира барои баробарсозии фоида(15%) | 15% x 6436,0 = | - 965,0 |
| | **Маблағи фоида тарҳи маблағи захира** | 5471,0 |

**Тарзи ҳисоб намудани коэффитсенти баркашидани воситаҳои ҷалбшуда:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | 61290,3 | x0,55 | 33710,0 |
| 2 | 140322,6 | x0,8 | 112258,0 |
| 3 | 104838,7 | x1,0 | 104839,0 |
| **Ҷамъ:** | **306452,0** | | **250807,0** |

**Тақсими фоида мутобиқи ҳиссаи маблағҳои ҷалбшудаи мизоҷон (боназардошти КБВҶ):**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 33710,0 | /250807 | x5471,0 | = 735,0 (фоида аз ҳисоби маблағи мизоҷи А) |
| 2 | 112258,0 | /250807 | x5 471,0 | = 2449,0 (фоида аз ҳисоби маблағи мизоҷи Б) |
| 3 | 104839,0 | /250807 | x 5 471,0 | = 2287,0 (фоида аз ҳисоби маблағи мизоҷи В) |

**Тақсими фоида байни бонк ва мизоҷ дар асоси созишномаи «музораба»**
**(80% - ҳиссаи мизоҷ ва 20% - ҳиссаи бонк):**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Мизоҷи А | Мизоҷ | 735,0 | x80% | 588,0 |
| | Бонк | 735,0 | x20% | 147,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Мизоҷи Б | Мизоҷ | 2449,0 | х80% | 1959,0 |
| | Бонк | 2449,0 | х20% | 490,0 |
| Мизоҷи В | Мизоҷ | 2287,0 | х80% | 1830,0 |
| | Бонк | 2287,0 | х20% | 457,0 |

Афзалияти пасандозҳои сармояшавандаи бонкҳои исломиро мутобиқи таҷрибаи «Экоисламик банкинг»-и Ҷумҳурии Қирғизистон шарҳ медиҳем:

Якум, даромаднокии пасандозҳои сармояшавандаи бонки исломӣ нисбат ба фоизҳое, ки бонкҳои анъанавӣ ба мизоҷон пардохт менамоянд, баландтар мебошанд. Чунки ҳам бонк ва ҳам мизоҷ ҳавасманд аст, ки лоиҳаи сармояшаванда пурра иҷро шавад;

Дуюм, меъёрҳои ахлоқӣ-маънавии шаҳрвандоне, ки барои онҳо гирифтани фоиз ҷоиз нест, амалӣ мегарданд. Чунки, ҳамаи амалиётҳои бонкҳои исломӣ дар асоси қоидаҳои шариат амал мекунанд;

Сеюм, азбаски фаъолияти молиявии бонки исломӣ дар асоси иштироки муштараки бонк ва мизоҷ рушд меёбад ва бонк ба сармояи иловагии институтҳои молиявии ғарб эҳтиёҷ надорад, бӯҳрони молиявӣ ба бонки исломӣ таъсири манфӣ расонида наметавонад.

Директори Маркази Таълимии
Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон,
номзади илми иқтисод, дотсент Р. Сайисмонов